# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ – Ғафуров А.М. ба диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи “Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Даҳсолаи охири асри XX барои Тоҷикистон, ки ба тозагӣ соҳибистиқлол гардида буд, давраи басо мушкил ва ҳассос маҳсуб меёбад. Бар асари бархӯрди сиёсии нерӯҳои мухолифи дохилӣ ва омилҳои берунӣ дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт, ки боиси ба давлати Афғонистони ҳамсоя ва дигар кишварҳои хориҷӣ, асосан давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ фирор намудани гурӯҳе аз аҳолии кишвар гардид. Қисми дигари аҳолии кишвар барои пайдо намудани макони боамн дар дохили мамлакат ҷойи зисти доимии худро тарк намуданд. Мамлакатро бӯҳрони шадиди сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ фаро гирифта буд. Махсусан, нокифоягии маводи озуқа эҳсос карда мешуд. Тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ фалаҷ гардида, мамлакатро хатари парокандагӣ таҳдид мекард.

Гуфтушунидҳои ҷонибҳои мухолиф бо мушкилот ва душвориҳои зиёд баргузор гардида, таъмини сулҳу салоҳ ва якпорчагии кишвар бо машаққат ва бурдбориҳои нерӯҳои сулҳофар амалӣ мегардид. Бояд зикр кард, ки ин мушкилот аксаран ба таври сунъӣ ба амал омада, ҳадафи монеа эҷод кардан ба сулҳи тоҷиконро пайгирӣ менамуданд. Бинобар ин, таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда роҷеъ ба раванди омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдат имкон медиҳад, ки оид ба масоили норавшан ва номуайяни воқеаҳои хунини мамлакат хулосаҳои дуруст бароварда шуда, тарафдорон ва мухолифони сулҳи тоҷикон муайян карда шаванд.

Бинобар ин, дар шароити муосир ҳамаҷониба таҳлил намудани таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон, аз ҷумла муайян намудани заминаҳо ва сабабҳои ин ҷанг, инчунин ошкор намудани монеаҳои

раванди сулҳофарӣ барои ҷомеаи тоҷик хеле муҳим мебошанд. Аз ин рӯ, тадқиқи масоили гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди оштии миллии тоҷикон, на танҳо аҳаммияти таърихӣ, балки зарурияти таҳлилу таҳқиқи илмию амалӣ дорад.

Диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин аз сарсухан ду бобу шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст. Муаллиф бо дарназардошти мақсади гузоштааст чунин масъалаҳоро таҳқиқ кардааст: - -таҳлили таърихнигории асару мақолаҳои илмии ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшидашуда; таҳлил ва баррасии инъикоси заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон; ошкор намудани аҳаммияти Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҶТ дар роҳи расидан ба сулҳ ва барпо гардидани ҳукумати конститутсионӣ дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ; таҳлил ва баррасии масоили инъикоси даврабандии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон; таҳлили раванди танзими муноқиша ва истиқрори сулҳ ва ғайра.

Барои таҳқиқи рисола муаллиф доираи васеи адабиёти илмии марбут ба мавзӯъ, маҷмӯаҳои оморӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқиро воқеъбинона таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи мазкур ҷиҳати таърихнигории таърихи ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ва сулҳи тоҷикон нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб меёбад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии мазкур анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Афтореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд. Хулосаҳои таҳқиқоти анҷомшуда дар мақолаҳои илмии унвонҷӯй, ки бештарашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп гардидаанд, инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, Асомиддини Абдулмумин аз уҳдаи таълифи рисолаи илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро

намудааст. Диссертатсияи мазкур ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07 00 09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07. 00. 09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) нисбат доранд, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи “Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба ҳимояи озод тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои**
**таърих, дотсент, мудири шуъбаи**
**таърихи навтарини Институти**
**таърих, бошстоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Ғафуров А .М.**

Имзои Ғафуров А.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК Файзуллоева Г.

28.11.23